Азизи Азиз

# ДУ ХИРСАК БЕША РАФТАНД

## Two bears went to the forest



USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФОНДИ ОГОХОН

# ДУ ХИРСАК БЕША РАФТАНД



Душанбе
«Полиграф групп»
2018

ББК 84 тоҷик 7-4
А-37

А-37. Азизи Азиз. Ду хирсак беша рафтанд. —
Душанбе: Полиграф групп — 2018, 16 саҳ.

ISBN 978-99975-301-5-8

© А. Азиз, 2018
© С. Имодинова, 2018

Буданд, набуданд, ду хирсак буданд.

Як пагоҳӣ онҳо барои занбӯруғ ба беша рафтанд. Ҳар ду аз хона баромада, аз остона фуромаданд.



Once there were two bears.

One early morning, they decided to go and pick mushrooms. They left the house together.

Ногоҳ яке гуфт:
— Ваҳ! Мо фаромӯш кардем!
— Чиро фаромӯш кардем?
— Мо сабад надорем! Занбӯруғро дар чӣ мечинем?



Suddenly, one of them said:
— Oh, we have forgotten?
— Forgotton what?
— We don't have a basket to put the mushrooms in.

Хирсакҳо ақиб гашта, аз остона баромада, ба хона даромада, яктоӣ сабад гирифтанд.



Bears went back, climbed to the veranda, walked across the yard got inside the house and picked up two baskets.

Баъд, аз хона баромада, аз остона фуромада, аз ҷӯйбораке гузаштанд.



They left the house, climbed over the veranda, walked across the yard and crossed a small nearby stream.

Ногоҳ яке гуфт:
— Ваҳ! Мо фаромӯш кардем!
— Чиро фаромӯш кардем?
— Мо чатр надорем! Борон борад, дар куҷо паноҳ мебарем?



One of the bears shouted:
— Oh, we have forgotten?
— Forgotton what?
— We don’t have an umbrella. If it rains, what are we going to do?

Хирсакҳо ақиб гашта, аз ҷӯйборак парида, аз остона баромада, ба хона даромада, яктоӣ чатр гирифтанд.



Bears went back, jumped over the stream, walked across the yard, climbed to the veranda, got inside the house and took two umbrellas with them.

Баъд боз аз хона баромада, аз остона фуромада, аз ҷӯйборак парида, аз кӯпрукча гузаштанд!



They again left the house, climbed over the veranda, walked across the yard, jumped over the stream and crossed the bridge.

Ногоҳ яке гуфт: — Ваҳ! Мо фаромӯш кардем!

— Чиро фаромуш кардем?

— Мо ба модарамон хайр нагуфтем! Модарамон куҷо рафтани моро надонад, хавотир мешавад!



One of the bears said: — Oh, we have forgotten?

— Forgotton what?

— We have forgotten to say goodbye to our mother. She might get worried!

Хирсакҳо ақиб гашта, аз кӯпрукчаю ҷӯйборак гузашта, ба остона баромада, ба хона даромада, ба модарашон хайр гуфтанд.



Bears went back again: crossed the bridge, jumped over the stream, walked across the yard, climbed to the veranda and got inside the house.

They said goodbye to their mother.

Баъд боз аз хона баромада, аз остона фуромада, аз ҷӯйбораку кӯпрукча гузашта, ба беша расиданд!



Finally, they left the house, climbed over the veranda, walked across the yard, jumped over the stream, crossed the bridge and reached the forest.

Хирсакҳо ду сабадча занбӯруғ чида, аз беша баромада, аз кӯпрукчаю ҷӯйборак гузашта, ба остона баромада, ба хона даромаданд.



The two bears picked mushrooms and filled their baskets before they left the forest, crossed the bridge, jumped across the stream, walked acrossed the yard, climbed the veranda and went inside the house.

— Модарашон сабадчаҳоро гирифта, хирсакҳоро таъриф-кунон занбӯруғҳоро бирён кард.

Баъд ҳар се дар сари дастархон нишастанд ва бо иштиҳо занбӯруғбирён хӯрданд.



Their mother was delighted to see her two bears get home safely — with two full basskets of mushrooms. She picked the mushrooms and fried them. Then, all three of them enjoyed eating the delicious fried mushrooms.



## Саволҳо:

Ду хирсак ба кучо рафтанӣ шуданд?
Чаро онҳо аз остонаи хона ақиб гаштанд?
Онҳо чиро фаромӯш карданд?
Оё рафтори хирсакҳо дуруст буд?

## Questions:

Where did two bears decide to go?
Why did they have to return back to the veranda?
What did they forget?
Did they do the right thing about coming back each time?

**Азизи Азиз**

# ДУ ХИРСАК
# БЕША РАФТАНД

Муҳаррирон: Ҷӯра Хошимӣ,
Латофат Кенҷаева,
Юсуфҷон Аҳмадзода
Тарҷумаи: Вафои Навкар,
Брайэн Фурман
Рассом: Сайёра Имодинова
Ороишгар: Владимир Казберович

Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чоп 09.08.2018 имзо шуд. Андозаи 70×100/8.
Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 2. Адади нашр 5500 нусха.

Китоб дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
e-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj

Азизи Азиз

# ДУ ХИРСАК
# БЕША РАФТАНД

**Ду хирсак ба беша барои занбӯруғ рафтанд. Онҳоро лозим омад, ки аз роҳ чанд маротиба ақиб гарданд. Зеро барои сафар чанд чиз даркор буд.**

9 789997 530158

КИТОБЧА РОЙГОН ПАХН МЕГАРДАД
NOT FOR SALE